# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 02 – Таърихи ватанӣ**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих Маликов М.Ҳ., (раис), доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т., (аъзо) доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М. (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 02 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, барои дифоъ тавсия карда мешавад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи замони гузашта дар татбиқи нақшаҳои имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон метавонанд чун таҷрибаи таърихӣ кӯмак намоянд. Дар шароити татбиқи чаҳор ҳадафи стратегии кишвар, ба инобат гирифтани таҷрибаи даврони шӯравии замони инқилоби мадании мамлакат, ба андешаи мо, хеле муфид хоҳад буд.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо ба номи дисертатсия мувофиқат карда, паҳлӯҳои гуногуни мавзуъро баррасӣ намудаанд. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаву натиҷагириҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавзӯи мазкур дар таърихнигории миллӣ падидаи нав мебошад. Навоварии илмии рисола дар он аст, ки он ташаккул ва рушди воситаҳои

алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991) ва саҳми онҳоро дар рушди саноати кишвар муайян намудааст. Дар рисола раванди ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон баррасӣ гардида, нақши онҳо дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии вилояти Хатлон нишон дода шудааст. Зимни таҳқиқи мавзуъ бори аввал ба муомилоти илмӣ маводи нави бойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми онҳо дар ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи ҷумҳурӣ, бахусус дар вилояти Хатлон, муассир аст.

Автореферати муаллиф ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Мазмуни асосии рисола дар 20 мақолаи унвонҷӯ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷалаҳои илмие, ки ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)”, аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ арзанда аст.

**Дар умум, вобаста ба диссертатсияи зикршуда комиссияи ташхис ба чунин қарор омад:**

1. Диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ тавсия карда мешавад.

**2. Ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод мешаванд:**

А) Ҳусейнов Аҳмадҷон Қурбонович, доктори илмҳои таърих, декани факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

Б) Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович, номзади илмҳои таърих, сардори шуъбаи тарбияи МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”.

3. Муассисаи давлатии таълимии **“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** ба сифати муассисаи пешбар пешниҳод мешавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

***Раиси комиссияи ташхис:***
***доктори илмҳои таърих*** ***Маликов М.Ҳ.***

***Аъзоёни комиссияи ташхис:***
***доктори илмҳои таърих*** ***Қобилова Б.Т.***

***Аъзоёни комиссияи ташхис:***
***доктори илмҳои таърих*** ***Абдурашитов Ф.М.***

*Имзоҳоро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳои*
*Институти таърих, бостоншиносӣ*
*ва мардумшиносии ба номи*
*Аҳмади Дониши АМИТ* ***Файзуллоева Г.Қ.***

23.11.2022.